ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологӣ ва эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6Д. КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами байторӣ – брутселлёз дар қӯтосҳо бахшида шудааст. Аҳаммияти мавзуъ пеш аз ҳама бо он муайян мегардад, ки қӯтоспарварӣ дар иқтисодиёти баландкӯҳи ВМКБ ҷойгоҳи муҳим дошта, брутселлёз бошад, ҳамзамон бемории хатарноки сироятии ҳайвонот ва зоонозӣ мебошад.

Муаллиф дар автореферат натиҷаҳои мониторинги солҳои 2013–2022-ро оид ба 3127 сар қӯтос ҷамъбаст намуда, 340 ҳолати ҷавоби мусбати серологиро муайян кардааст. Истифодаи маҷмӯи усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва молекулавӣ имконият додааст, ки вазъи эпизоотологии беморӣ нисбатан ҳамаҷониба арзёбӣ гардад.

Ҷиҳати муҳими кори илмӣ ҷудо намудани 41 изоляти брутселла аз 106 намуна ва омӯзиши 12 изоляти интихобшуда мебошад. Тасдиқи мансубияти 8 изолят ба B. abortus ва 4 изолят ба B. melitensis бо усули Bruce-ladder PCR арзиши илмии натиҷаҳоро баланд мебардорад.

Қисми алоҳидаи таҳқиқот ба муқоисаи ваксинаҳои штаммҳои B. abortus S-19 ва 82 бахшида шудааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ваксинаи штамми S-19 нисбат ба штамми 82 ҷавоби гуморалии устувортар ба вуҷуд овардааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, чор боб (шарҳи адабиёт; мавод ва усули тадқиқот; натиҷаҳои тадқиқот; баррасии натиҷаҳо), хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Матн бо 12

ҷадвал, 14 диаграмма ва 14 расм тасвир ёфта, ба 163 манбаи илмӣ (34 – тоҷикӣ, 73 – русӣ, 56 – англисӣ) такя намудааст, ки нишондиҳандаи огоҳии баланди муаллиф аз дастовардҳои муосири илми соҳавӣ мебошад.

Дар асоси маводи илмии диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Илова бар ин, 2 дастурамали методӣ таҳия ва аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявию амалии онҳо тасдиқ мегардад.

Натиҷаҳои тадқиқот дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавӣ, ба мисли «Дастурамал оид ба омӯзиши эпизоотологияи минтақавии брутселлёз» (13.02. с.2015 аз ҷониби Шӯрои илмӣ-техникии Хадамоти назорати давлатии байторӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст).

Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.05.с.2024 тасдиқ шудааст), ки метавонанд барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳо, институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

Дар баробари ин, автореферат дорои баъзе норасоиҳои таҳрирӣ мебошад. Масалан, истилоҳҳои «хайл» ва «штамм» бояд яксон истифода шаванд; инчунин баъзе нишондиҳандаҳои рақамӣ ва тавсифи натиҷаҳои серологӣ ба таҳрири иловагӣ ниёз доранд. Ин эродҳо хусусияти методологӣ ва таҳрирӣ дошта, арзиши асосии натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат мазмуну натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро инъикос намуда, дорои навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Хулоса. Автореферат пурра ба бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 76–79, 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Бо дарназардошти мубраммияти мавзуъ, сатҳи баланди иҷрои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин асоснокии хулосаҳо, диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шариповичсазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Ҳамоҳангсози бахши байторӣ ва бехатарии озуқаворииМуассисаи давлатии "Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ"номзади илмҳои ветеринарӣ Ш.Р.Шукурзода

14.09.2026

Имзои Шукурзода Шарофиддин Раҳмон-ро
тасдиқ менамоям:

Мутахассис ҳуҷҷатгузор
Муассисаи давлатии
"Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ" Н.З.Зеваршоева

14.09.2026

Суроғаи Ҳамоҳангсози бахши байторӣ ва бехатарии озуқаворииМуассисаи давлатии "Рушди соҳибкорӣ дар
соҳаи кишоварзӣ": 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Бохтар 17,
Тел: (992) 2215113, email: info@aedpmu.tj; aedpmu@gmail.com